**СУРАТМАҶЛИСИ № 14.2.**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

16 сентябри соли 2023 ш. Душанбе

Ҳайати шӯро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шӯро, дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**ШУНИДА ШУД**: Ҳимояи диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.

**Мавзӯи диссертатсия:** «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ».

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дар вақти иҷозат додан ба ҳимоя ва чопи автореферат муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Амонова Дилбар Субҳоновна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, узви шурои диссертатсионӣ, мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда;
2. Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 7 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шӯро пешниҳод гардид: Дӯстбоев Ш., Раҷабов Р.К., Аминов И., Фақеров Ҳ.Н., Ҷамшедов М. ва Толибов Қ.Қ.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Дустбоев Ш., д.и.и., профессор Ҷабборов А., д.и.и., профессор Раҷабов Р.К., ва д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Рауфӣ А. (раис), д.и.и., профессор Дӯстбоев Ш. ва д.и.и., дотсент Ҷамшедов М.

*қарор қабул карда шуд:*

1. Диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи *Тартиби додани* дараҷаҳои *илмӣ*, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - Нест, Бетараф? - Нест.

Қарор якдилона қабул гардид (14 нафар тарафдор).

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Қодирова З.Ҳ.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**